Протоколи № 10

маҷлиси васеи шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики МДТ-и “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 10 майи соли 2022

**Иштирок доштанд:** ҷамъ 26 нафар - аъзои шӯрои олимони факултет, кафедраҳои методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва педагогикаи умумӣ

**РӮЗНОМА**

1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Ҷаласаи васеи шӯрои олимонро раиси шӯрои олимони факултети филологияи тоҷик номзади илмҳои филологӣ, дотсент Тиллохоҷаева М.Н. оғоз намуд. Сараввал, ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос карда, иброз намуд, ки диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба анҷом расидааст.

Бобоева Иноятхон Асроровна соли 2006 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси рӯзноманигор-омӯзгор хатм кардааст. Соли 2009 коргузори факултети мазкур ва аз соли 2014 то имрӯз дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ҳамчун сармуаллима кору фаъолият дорад.

Шаҳодатнома тахти №6 дар бораи супоридани имтиҳони номзадӣ аз таърих ва фалсафаи илм аз 29 октябри соли 2020 ва аз фанни забони англисӣ аз 22 декабри соли 2021 аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дода шудааст.

Роҳбари илмии диссертант доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори кафедраи методикаи таълими Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шербоев С. мебошад.

Баъди якдилона овоз додан ба оғози ҷаласа унвонҷӯ Бобоева И. ҳозиринро бо ислоҳу тахрири норасоӣ, такмилу таҳрири пешниҳодҳои аз ҷониби муқарризон ва мутахассисон, ки дар ҷаласаи кафедра тазаккур ёфта буд, ошно намуд. Зимни суханронӣ диссертант эродҳои зерини ислоҳшудро баён намуд:

1. Номи фасли дуюми боби аввал – "Таҳлили адабиёти илмӣ ва педагогиву психологӣ оид ба мавзуи тадқиқот" ба шакли мушаххас ифода гардид: "Шарҳи фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогии мафҳуми таҳаммулпазирӣ";

2. Таҳлили мисолҳо (порчаҳои бадеӣ) ба таври умумӣ сурат гирифта буд, сипас бо тафсиру тавзеҳи чанд намуна аз Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигарон роҳу усули ташаккули хислатҳои таҳаммулпазири муҳассилин дақиқан баён карда шуд;

3. Дар баъзе порчаҳои "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ, ки аз китоби ба хати сирилик баргардоншудаи муаллиф С.Сидиқов интихоб гардида буданд, хатоҳои имловӣ ва услубӣ муайян гардид, ки бо қиёсу муқобала ва истифодаи дигар сарчашмаҳои муътамад ислоҳ карда шуд.

4. Хулосаи бобҳо ва хулосаи умумии диссертатсия мушаххас ва дақиқ бо натиҷаҳои амалии диссертатсия ва тавсияҳо ифода гардид;

5. Ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобӣ ба ислоҳ расиданд.

Ҳамчунин бо маърӯзаи хеш дар бораи мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ баромад намуд. Аз ҷумла, иброз кард, ки ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар заминаи осори ахлоқии ниёгон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна аҳамияти зиёд дорад. Таҳаммулпазирӣ аз ҳама бештар дар заминаи арзишҳои инсондӯстӣ ва ахлоқӣ имконпазир буда, фарогири сифатҳое аз қабили худшиносӣ, инсондӯстӣ, фурӯтаниву хоксорӣ, раҳму шафқат, пӯшидани айбу нуқсон ва амсоли инҳо мебошад, ки дар иртибот ба ҳар яке аз ин сифатҳои инсонӣ дар осори классикони тоҷику форс ҳикоёти ҷолиб ва садҳо панду андарзи ҳакимонаро метавон дарёфт.

Дар охир, довталаб И.Бобоева хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониашро ба самъи иштирокдорони ҷаласа манзур кард.

Пас аз баромади унвонҷӯ И.Бобоева суолу ҷавоб сурат гирифт. Ба унвонҷӯ суолҳои зерин дода шуданд:

**Дотсент Ш. Мухаммадиев:** 1. Шумо дар баромади худ доир ба аҳамияти таҳаммулпазирӣ ва роҳҳои ташаккули он гуфтед. Таҳаммулпазир будан дар ҳама ҳолату вазъият то кадом андоза дуруст аст?

**Дотсент М.Аҳмадов:** 1. Шарҳи педагогии мафҳуми таҳаммулпазирӣ. 2. Шарҳи педагогии он аз фалсафӣ ва психологӣ тафовут дорад?

**Профессор А.Абдуқодиров:** 1. Дар рафти тадқиқоти хеш кадом омилҳои асосии таҳаммулнопазирии хонандагонро муқаррар намудед. 2. Бештар кадом осори адабӣ барои тарбия ва ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон мусоидат мекунанд?

**Дотсент К.Комилов:** 1. Зимни баррасии мавзуъ андешаҳои олимони Ғарбро доир ба масъалаи тарбияи таҳаммулпазирӣ мавриди омӯзиш қарор додед?

**Дотсент М.Ӯрунова:** 1. Ба омӯзгорони адабиёти тоҷик дар рафти озмоишҳо истифодаи кадом шарҳномаҳо ва сарчашмаҳоро барои истифода тавсия намудед?

**Дотсент Ш.Точибоев:** 1. Оё дар барномаи адабиёти точик тарбияи таҳаммулпазирӣ таъкид шудааст. 2. Таҳаммулпазирии педагогӣ дар чӣ зуҳур меёбад?

Унвончӯ И.Бобоева ба суолҳои аз чониби мутахассисон додашуда чавобҳои мувофику конеъкунанда дода, барои тақвият бахшидан ба гуфтаҳои худ мисолҳои мушаххас овард.

Баъд аз саволу чавоб тақризи муқарризони холис Нуров Нуралӣ Норович – доктори илми филология, профессор, муовини директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои чомеашиносии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хучанд ба номи академик Бобочон Ғафуров» ва аз чониби котиби шӯрои олимони факултети филологияи точик номзади илми филология, дотсент И.Қосимова ва тақризи Раҳмонов Зикриё Пӯлотович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи ичтимоӣ ва касбии факултети педагогии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хучанд ба номи академик Бобочон Ғафуров» шунида шуд.

Дар баромади муқарризон қайд гардид, ки унвончӯ масъалаи мубрам ва муҳимро барои таҳқиқ интихоб карда, дар ҳалли вазифа ва мақсадҳои гузошташуда комёб шудааст, аз методҳои зиёди тадқиқӣ ва принсипу усулҳои умумиилмӣ, аз қабили принсипҳои мунтазам, мачмӯӣ, таърихӣ, принсипҳои илова ва бардавомӣ, муносибати субъективию фаъолиятӣ, инчунин усулҳои илмӣ, ба мисли таҳлил, синтез васеъ истифода кардааст.

Дар рисола аввалин маротиба тавассути таълими адабиёти точик дар курси хониши адабӣ масъалаи ташаккул ва рушди тарбияи таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Чумҳурии Точикистон баррасӣ гардидааст;

Диссертант дар раванди тадқиқ аз асарҳои зиёди илмӣ истифода намуда, онро аз чиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок намудааст. Бори аввал маводи барномаву китобҳои дарсии «Адабиёти точик» барои синфҳои V-VII ва мақолаҳои ба мавзӯи тадқиқот иртиботдошта аз диди таҳаммулпазирӣ таҳлил гардид. Баъдан, дар мавриди гузаронидани озмоиши муқарраркунӣ ва пурсишномаҳо дар байни омӯзгорони муассисаҳои маркази тачрибавӣ интихобшуда сатҳу сифати дониши хонандагон ва норасоиҳои фаъолияти омӯзгорон низ дар алоқамандӣ ба мавзӯи тадқиқот муайян карда шудааст.

Зимни омӯзиш ва баррасии матнҳои дорои мазмуну мундаричаи баландғояи аз осори классикон интихобшуда, ки таълими он дар курси хониши адабӣ сурат мегирад, кӯшиш шудааст, ки роҳҳои тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди хонандагон нишон дода шавад.

Дар радифи омӯзиш ва таҳлили ҳуччатҳои умумибашарӣ ва ақоиди олимони соҳаҳои гуногун, аз чумла, педагогикаи таҳаммулпазирӣ зарурати дар миқёси чаҳон аз ҳама бештар дар доираи хислатҳои таҳаммулпазирӣ тарбия намудани инсоният зимни тавзеҳот дақиқ карда шудааст.

Натичаҳои бадастомадаи рисола ба омӯзгорони фанни адабиёти точик бобати дар рӯҳияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагон ба ҳайси як дастури роҳнамо кӯмак хоҳад намуд. Ҳамчунин таҳиягарон ва муаллифон метавонанд дар нашрҳои баъдии барнома ва китобҳои дарсии фанни адабиёти точик нукоти муҳимми дар тадқиқоти мазкур баррасишударо ба инобат гиранд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияиБобоева И.А.тахти унвони “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣаз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқмебошад.

Муқарризон аз он ҷумла иброз намуданд, ки муҳтавои асосии диссертатсионии унвонҷӯ дар 14 номгӯй таълифи муаллиф дар шакли мақола ва маърӯза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 4 номгӯй мақолаҳои муаллиф дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба табъ расидаанд. Сохтор ва муҳтавои диссертатсияи муҳокимашаванда ба талабот ҷавобгӯ буда, онро ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Сипас, диссертатсияи номзадии И.Бобоева дар мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)” аз ҷониби аъзоёни ҷаласа мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар рафти музокира аз ҷумла:

**Профессор А.Абдукодиров** таъкид кард: Диссертатсия ба мавзӯи муҳим ва ҳанӯз нокифоя омӯхташуда мансуб аст, ки барои тарбияи “инсони комил” мусоидат дорад. Мафҳуми “таҳаммулпазирӣ” дар асоси манбаъҳои фарҳангӣ, илмӣ ва таълимӣ хеле мукаммал шарҳ дода шудааст.

**Дотсент М.Аҳмадов:** Мавзӯи рисолаи илмии И.Бобоева ба яке аз мавзуъҳои муҳимми педагогӣ бахшида шуда, муаллиф маводи зиёди фактологиро аз осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ ва Ҷалолуддини Балхӣ гирд оварда, онҳоро ба доираи таҳлил кашидааст. Дар шарҳу тавзеҳи порчаҳо талаботи маърифати шеър ва таҳлили асари бадеӣ риоя гардидааст. Диссертант дониши хуби филологӣ ва педагогӣ дошта, роҳу усулҳои омӯзиши осори адабиро бо дарназардошти технологияи муосири таълим пешниҳод намудааст, ки барои ташаккули таҳаммулпазирии хонандагон ва ҳам самаранокии дарси адабиёти тоҷик муҳим дониста мешавад.

Иштирокчиёни дигари ҷаласа профессорон М.Мирзоюнус, З.Ӯлмасова ва дотсент Ш.Ҳакимова ба музокира баромада, андешаҳои худро оид ба мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ иброз намуда, дар маҷмуъ ба диссертатсия баҳои мусбат доданд.

Дар фарҷоми муҳокима бо назардошти пешниҳодоти иштирокчиён аъзои ҷаласа

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) кори илмии анҷомёфта ҳисобида шуда, барои ҳимоя дар ҷаласаи шӯрои

диссертатсионии 6D.KOA-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети филологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 26 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 23 нафар, "муқобил"- нест, протоколи №10 аз 10 майи соли 2022. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси маҷлис,**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, раиси шӯрои олимони
факултети филологияи тоҷики
МДТ "ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров": М.Тиллохоҷаева

**Муқарризон:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор Н.Нуров

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент З.Раҳмонов

**Котиби илмии шӯро**, дотсент И.Қосимова

**Имзои Тиллохоҷаева М.Н., Нуров Н.Н., Раҳмонов З.П. ва Қосимова И.Т.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори Раёсати кадрҳои МДТ "Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" Наврӯзов Э.

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
тел:+(992)927388887
E-mail: ddhkadr@mail.ru